Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории
Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5

**Тақриз**

**ба автореферати кори диссертатсионии Субҳонзода Икром Субҳон дар мавзуи “Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06- Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод гардидааст.**

Мусаллам аст, ки рушди истеҳсолоти ватанӣ, дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва тавсеаи соҳаи саноати кишвар таҳти таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ– Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, дар ин раванд саноатикунонии босуръат ҳамчун ҳадафи чоруми стратегӣ қабул гардидааст. Вобаста ба ин бо мақсади татбиқи ҳадафи мазкур дар кишвар заминаҳои институтсионалӣ фароҳам оварда шуда, як қатор қонуну қарорҳо ва барномаву стратегияҳои давлатӣ қабул ва татбиқ шуда истодаанд.

Мавриди зикр аст, ки дар раванди татбиқи саноатикунонии босуръат соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун омили асосии таъсиррасон баромад намуда, ба баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ замина мегузорад. Таҳқиқи самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодиёти миллӣ иқдоми саривақтӣ ва муҳим арзёбӣ гардида, таҳлил ва пешниҳоди таклифҳои асосноки илмӣ дар ин самт ба тавсеаи фаъолияти соҳибкорӣ дар кишвар саҳми назаррас мегузорад.

Таҳлили автореферати кори диссертатсионӣ муайян намуд, ки муаллиф самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолиро ба

таври дақиқ таҳқиқ намуда, мушаххас кардааст, банақшагирии индикативӣ, ки ба баланд бардоштани нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди миллӣ нигаронида шудааст, аз як тараф агар барои батанзимдарории рафтори девиантии субъектҳо мусоидат кунад, аз тарафи дигар татбиқи ҳадафҳои миллии рушдро дар саросари кишвар имконпазир мегардонад.

Дар рафти таҳқиқот унвонҷӯ асосҳои назариявии интихоби афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолиро тавассути призмаи якчанд равишҳои назариявии дар адабиёти иқтисодии ватанӣ мавҷудбуда баррасӣ намуда, бо таваҷҷуҳ ба он якчанд афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба намуди расми 4 овардааст. (саҳ. 30).

Бо таваҷҷуҳ ба ин бояд қайд намуд, ки мақсад ва вазифаҳое, ки муаллиф дар кори диссертатсионӣ дар назди худ гузоштааст, бо номи мавзуъ, ҳадафи таҳқиқоти гузаронидашуда ва сохтори мантиқии он мувофиқат мекунанд. Инчунин, хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшудаи муаллиф аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, ба коркардҳои назариявию методологӣ ва маълумотҳои омориву мушоҳидавии таҳқиқотӣ такя мекунанд.

Ба фикри мо, Субҳонзода И. С. автореферати рисолаи диссертатсионии тақризшавандаро ба қадри имкон дар пояи устувори назариявӣ, методологӣ ва амалӣ таҳия намуда, дар ҷамъбасти таҳқиқ, пайдарпайии таҳлил ва хулосабарории натиҷаҳо кӯшиши зиёде ба харҷ додааст. Хулоса ва тавсияҳои дар автореферати мазкур овардашуда дар асоси гузаронидани таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

Ба андешаи мо, дар автореферати кори тақризшаванда дар баробари комёбиҳои назаррас, норасоие мавҷуд аст, ки муаллиф дар саҳифаи 48 автореферат оид ба таъсиси кластер ва таҳияи барномаи

давлатии кластерикунонӣ ақидаи қолиб пешниҳод намуда, вале онро асоснок накардааст.

Камбудии дарҷшуда хусусияти тавсиявӣ дорад ва ба фикри мо, ба арзиши баланди назариявию методологӣ ва инчунин, амалии кори диссертатсионии иҷрошуда таъсир расонида наметавонад.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Субҳонзода Икром Субҳон дар мавзуи "Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон" аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ тибқи талаботи муқарраргардида таҳия карда шуда, муаллифи он Субҳонзода И. С. сазовори дараҷаи илмӣ - доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06- Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
**Ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон**
**ба номи академик М. С. Осимӣ,**
**д.и.и., профессор** **Давлатзода Қ. Қ.**

29.07.25

Дурустии имзои Давлатзода Қ. Қ.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДТТ
ба номи академик М. С. Осимӣ Қодирзода Н. Ҳ.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734042,
ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо 10
info@ttu.tj, ttu@ttu.tj
Тел: +992 (372) 21-35-11